# [Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон (4 октябри соли 2012)] [1]

Submitted by Ҳайати тадорукот on 4 October, 2012 - 18:58


[1]

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (4 октябри соли 2012)

Дӯстони гиромӣ! Ҳозирини арҷманд! Мулоқоти мо ба хотири гиромидошти забони давлатӣ дар арафаи Рӯзи забон, ки дар иртибот ба тасвиби Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 5-уми октябр муқаррар шудааст, баргузор мегардад.
Аз соли 2009 ин сана ба феҳристи ҷашнҳои кишварамон ворид гардида, ҳамчун ҷашни умумимиллӣ дар саросари мамлакат таҷлил карда мешавад. Имрӯз мову шумо Рӯзи забонро дар рӯҳияи ифтихор аз арзишҳои фарҳанги миллӣ ва арҷ гузоштан ба ҳама муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла забони давлатӣ дар замони давлатдории миллӣ таҷлил менамоем.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолият дар шароити давлатдории навин барои рушди забони миллӣ дар мақоми забони давлатӣ аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ, ки ҳамчун муқаддасоти миллии мо пазируфта шудааст, аз вазифаҳои бисёр муҳими давлат барои ҳифзи арзишҳои волои миллӣ дониста мешавад.

## Content rating:

Select rating
No votes yet

Rate

## Attachment:

[Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон (4 октябри соли 2012).pdf] [2]

Category:

- Кумита [3]
- Суханрониҳо [4]
- Қонунгузорӣ [5]

**Source URL:** http://www.kumitaizabon.tj/en/node/125

**Links**
[1] http://www.kumitaizabon.tj/en/node/125
[2] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/articleattachments/%D0%A1%D1%83%D1%85%D0%B0%D0%BD%D1%80%D0%BE%D0%BD%D0%B8%D0%B8%20%D0%9F%D1%80%D0%B5%D0%B7%D0%B8%D0%B4%D0%B5%D0%BD%D1%82%D0%B8%20%D2%B6%D1%83%D0%BC%D2%B3%D1%83%D1%80%D0%B8%D0%B8%20%D0%A2%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD%20%D0%AD%D0%BC%D0%BE%D0%BC%D0%B0%D0%BB%D3%A3%20%D0%A0%D0%B0%D2%B3%D0%BC%D0%BE%D0%BD%20%284%20%D0%BE%D0%BA%D1%82%D1%8F%D0%B1%D1%80%D0%B8%20%D1%81%D0%BE%D0%BB%D0%B8%202012%29.pdf
[3] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/14
[4] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/22
[5] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/17